**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ________________Файзулло М. Қ.**

**«_31_» ______08______2022 с.**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи “Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). - Душанбе, 2022. - 195 с.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар доираи яке аз бандҳои барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар мавзӯи “Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ (давраи муосир)” омода карда шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултаи таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон (ДСРТ) баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра – 4 нафар доктори илмҳои таърих, профессор, 9 нафар номзади илмҳои таърих, 2 нафар муаллими калон, 5 нафар муаллимон.

Муассисаи тақриздиҳанда дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсент Саъдиев Шуҳрат Самарович омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мубрамияти мавзӯи** таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки омӯзиши таърихи манотиқи алоҳидаи ҷумҳурӣ, барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии он аҳаммияти бузурги илмиро дорост. Аз тарафи дигар, барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи Тоҷикистони муосир, омӯзиши минтақа ва навоҳии алоҳидаи он хеле муҳим саривақтӣ буда, аҳаммияти бузурги илмӣ-таърихӣ дорад.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** таърихи навтарини навоҳии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ** – ҳаёти иҷтимоиву иҷтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар солҳои истиқлолият (1991-2021) мебошад, ки дар муқоиса ба дигар манотиқи ҷумҳурӣ дорои хусусиятҳои худ аст.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии** таҳқиқоти дилмии мазкур васеъ буда, дар диссертатсия аз маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ; стратегиву барномаҳои давлатӣ ва маводи матбуоти даврӣ васеъ истифода гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиш ва инъикоси мушкилоти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ, натоиҷи таҷрибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилоти ҷамъиятии минтақа, ҷумҳурӣ, инчунин байналмилалӣ дар ҳалли фаврии мушкилоти минтақа, нишон додани ҷараёни татбиқи онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии водӣ мебошад.

**Методологияи таҳқиқот.** Дар рафти таҳқиқот аз усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ–таърихӣ, ба шумули диалектикӣ, таърихӣ,

мантиқӣ, системавӣ, функсионалӣ, иҷтимоӣ, меъёрию мантиқии таҳлили илмӣ истифода шудааст.

**Навоварии илмии** кор дар он аст, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ таҳқиқ шудааст.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва руйхати сарчашма ва адабиёт иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши илмии он, мақсад ва хадафи омӯзиш, объект ва предмети таҳқиқот, чаҳорчӯбаи хронологии он, миқёси худудии таҳқиқот, навгонихои илмии рисола, асосҳои назариявии таҳқиқот, муҳиммияти мавзуъ ва асосҳои методологии таҳқиқот таҳлил ёфтааст.

Боби якуми диссертатсия – **“Вазъи иҷтимоӣ - иқтисодии водии Рашт дар солҳои истиқлолият (1991-2021)”** номгузорӣ шуда, он аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал – **“Вазъи саноат: мушкилот ва дурнамо”** оиди истеҳсолот ва тавлидоте, ки молҳои хомро ба тариқи ҷараёни истеҳсолӣ коркард менамоянд, маълумоти илмӣ гирд оварда шудааст. Ҳамин тавр, дар ин зербоб, вазъи саноати ноҳияҳои Рашт, Лахш, Нуробод, Тоҷикобод ва Сангвор дар зербоби мазкур таҳлил шудааст, инчунин мушкилот ва чораандешии ояндабинона аз доираи илмии муаллиф дур намондааст.

Дар зербоби дуввуми боби аввал – **“Ҳолати кишоварзӣ: таназзул ва азнавсозии он”** доир ба марҳалаи харобшавӣ ва камшавии заминҳои кишоварзӣ; марҳалаи барқарорсозии заминҳои кишоварзӣ; марҳалаи азхудкунӣ ва афзоиши заминҳои кишоварзӣ дар водии Рашт маълумоти илмӣ дода шуда, аз саҳми арзишманди пажӯҳишгарони ватанӣ хулосаҳои амиқ гирд овардааст.

Ҳамчунин дар ин зербоб дар бораи шумораи умумии хоҷагиҳои

деҳқонии навоҳии водии Рашт ва истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар минтақа навгониҳои қолибӣ илмӣ гирд оварда шудааст. Чи тавре муаллиф таъкид мекунад шароит ва иқлими водии Рашт барои кишоварзӣ басо мусоид аст.

Дар зербоби сеюми боби аввал–“**Вазъи тандурустӣ ва хизматрасонии тиббӣ**” доир ба соҳаи тандурустӣ ва хизматрасониҳои тиббӣ дар минтақаи Рашт аз замони аввали соҳибистиқлолӣ то давраи ҳозира ба тафсил маълумот дода шудааст. Муаллиф бо маврид таъкид мекунад, ки солҳои мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ соҳаи тандурустии мамлакат ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, қариб дар ҳама манотиқи кишвар беморхонаву нуқтаҳои хизмати тиббӣ фаъолият мекарданд. Аз сабаби ба вуқуъ пайвастани воқеаҳои нохуши солҳои 90-уми асри гузашта пеш аз ҳама низоми дорухонаҳо зарари ҷиддӣ дид. Қисми зиёди дорухонаҳои навоҳии водии Рашт қариб пурра нобуд карда шуданд.

Диссертант менависад, ки баъди истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ Ҳукмати мамлакат барои барқарорсозии муассисаҳои тандурустӣ нақшаву барномаҳои алоҳидаро роҳандозӣ намуд, ки дар натиҷа на танҳо муассисаҳои харобгаштаи соҳа барқарор карда шуданд, балки садҳо адад муассисаю дорухона ва нуқтаҳои тиббии нав сохта ба истифодаи умум супорида дода шуданд.

Боби дуюми рисола “**Ҳаёти фарҳангии водии Рашт дар солҳои истиқлолият**” аз се зербоб иборат аст.

Зербоби аввал **“Вазъи маориф”** номгузорӣ шуда, вазъи маорифи минтақа дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудааст. Муаллиф дар ин зербоб ба вазъи маорифи минтақа дар давраи гузариш баҳои интиқодӣ дода, таъкид менамояд, ки новобаста аз дастовардҳои соҳа имрӯз низ мушкилиҳои зиёде ба чашм мерасанд. Аз он ҷумла, монеа шудани бархе аз волидайн барои таълими духтарон,

коҳиш ёфтани сатҳи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии ҳамагонӣ ва ғайра аз қабили онҳо мебошанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - “**Муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ва нақши онҳо дар боло бурдани фарҳанги аҳолӣ**” - таърихи фаъолияти муассисаҳои маданӣ- маърифатӣ таҳлил гардидааст.

Унвонҷӯ зикр мекунад, ки бо мақсади рушди соҳаи фарҳанг, барқарорсозии муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ва муаррифии фарҳанги миллӣ дар солҳои истиқлолият даҳҳо барномаву санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул ва дар амал татбиқ гардиданд.

Дар ин солҳо (1991-2021) фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи неруҳои ақлониву зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, анъанот, одобу аҳлоқи ҳамида ва дигар муқаддасоти миллӣ дар ҷомеа мақоми арзанда касб намуда, бо шарофати сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ, баҳри фароҳам овардани фазои мусоиди меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷиҳати фаъолияти пурсамари муассисаҳои фарҳангии навоҳии водии Рашт ва ҳаллу фасли маҷмӯи мушкилоти мавҷудаи соҳа як силсила қонун ва барномаҳои давлатӣ ба тасвиб расида ба рушду такомули фарҳанги миллӣ такони бузург бахшиданд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм-“**Рушди сайёҳӣ, мушкилот ва дурнамои он**” перомуни инкишофи соҳаи туризм ва роҳҳои аз байнбарии мушкилоти соҳа баррасӣ шудааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар водии Рашт ёдгориҳои зиёди таърихиву фарҳангие мавҷуданд, ки метавонанд макони боздиди сайёҳону меҳмонон бошанд ва ҳамзамон ба густариши ҳунарҳои миллӣ дар ин гӯшаи диёрамон мусоидат намоянд.

Муаллиф менависад, ки диққати дӯстдорону шавқмандони сайёҳат ва кӯҳнавардиро қуллаҳои осмонбӯси Исмоили Сомонӣ, Пётри 1, пиряххои Федченко ба худ ҷалб намудааст. Таҷрибаи давлатҳои пешқадам нишон медиҳад, ки дар шароити муосир таваҷҷуҳи хориҷиёнро на танҳо

табиати зебо, балки таърихи фарҳанг, расму русум, анъанаҳои миллӣ ва мавзеъҳои таърихӣ-меъмории минтақаи номбурда ба худ ҷалб менамояд. Ҳамин тавр, муаллиф ба имконоту иқтидори сайёҳии минтақа таваҷҷуҳ зоҳир намуда, роҳу васоити инкишофи соҳаро пешниҳод намудааст.

**Дар хулосаи диссертатсия** фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси қабул мебошанд.

Ҳамин тавр, нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ хислати навгонӣ доранд.

Сохтор ва муҳтавои асосии диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи “**Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)**” тибқи талабот ва меъёрҳои муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ оид ба диссертатсия худ 10 кори илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Аммо ба монанди ҳамагуна корҳои реферативӣ, дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи мазкур низ баъзе нуқсону норасоӣ ба назар мерасанд, ки инҳо мебошанд:

1. Дар бахши муқаддимаи диссертатсия асарҳое низ баррасӣ гардидаанд, ки ба таърихи даврони Шӯравии водии Рашт тааллуқ доранд, хуб мешуд, ки муаллиф танҳо он асарҳоеро таҳлил мекард, ки мустақиман ба таърихи замони истиқлолият марбут мебошанд.
2. Дар диссертатсия ба таҳлили масъалаи рушди соҳаи боғпарварӣ дар минтақа кам аҳамият дода шудааст, ҳоло он ки водии Рашт

яке аз минтақаҳои муҳимми истеҳсоли мева дар ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

3. Хуб мешуд, ки муаллиф дар диссертатсияи худ соҳаи варзиш, фаъолияти муассисаҳои варзишӣ ва иштироки варзишгарони навоҳии водии Рашт дар мусобиқоти ҷумҳуриявӣ ва берун аз онро низ мавриди баррасӣ қарор медод.
4. Дар матни диссертатсия камбудиҳои техникию имлоӣ низ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои овардашуда қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, чунки онҳо зудислоҳшаванда буда, муаллиф метавонад ҳангоми ба нашр пешниҳод кардани монография онҳоро бартараф намояд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи **“Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)”** ба бандҳои 31-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Махсудов Аслиддин Муҳаббатович – сазовори гирифтани дараҷаи илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Тақризи мазкур дар кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултаи таърих ва муносибатҳои байналмилалии ДСРТ санаи 26-уми августи соли 2022 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» - 20

«муқобил» - нест

«бетараф» - нест

Суратҷаласаи кафедра №1 аз 31 августи соли 2022.

**Раиси ҷаласа, мудири**
**кафедраи таърихи умумӣ**
**ва ватании ДСРТ,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Раҳматова Зарина Юнусовна**

**Ташхисгар,**
**дотсенти кафедраи**
**таърихи умумӣ ва ватании**
**ДСРТ, номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Саъдиев Шуҳрат Самарович**

**Котиби ҷаласа** **Маҳкамова Саёҳат Ғаниевна**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДСРТ** **Раҳимов А. А.**

**Маълумот барои тамос:**
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30

«31» 08 соли 2022